Ҳар кӣ Аллоҳ ба ӯ иродаи хайр намояд, ӯро дар дин фақиҳ (олим) мегардонад

Аз Муовия (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро шунидам, ки мегуфт: "Ҳар кӣ Аллоҳ ба ӯ иродаи хайр намояд, ӯро дар дин фақиҳ (олим) мегардонад, ҳамоно ман Қосим (тақсимкунанда) ҳастам ва онеки ато мекунад Аллоҳ аст. Ин уммат то замоне зери дастуроти Аллоҳ побарҷо аст, касе ба онон зиён намерасонад, то инки амри Аллоҳ фаро расад".
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) хабар додаанд, ки ҳаркас Аллоҳ барояш иродаи хайр кунад, фаҳми дин ба ӯ ато мекунад. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) қосим аст, яъне ончи Аллоҳ аз ризқу рӯзӣ, илм ва дигар чизҳо ба ӯ ато фармудааст, тақсим мекунад, аммо бахшандаи воқеӣ Худованд аст ва дигарон василае ҳастанд, ки ҷуз ба изни Аллоҳ суде намебахшанд. Ин уммат то замоне пойбанди фармони Худо ҳастанд то фаро расидани қиёмат касе ба онҳо зиён намерасонад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5518